УДК – 338.436.33

# ИННОВАТСИЯ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТӢ

**Саидов П.М.**

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.**

**Калимаҳои асосӣ:** *инноватсия, корхонаҳо, комплекси агросаноатӣ, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, самаранокӣ, раванди инноватсионӣ.*

Вазъи кунунии комплекси агросаноатӣ (КАС) яке аз омилҳои муайянкунандаи некӯаҳволии кишвар мебошад. Давлатҳое, ки нерӯи тадқиқоти илмиро барои рушди комплекси агросаноатӣ сарф мекунанд, афзоиши доимии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро аз сар мегузаронанд, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳимро мебозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои даврони истиқлолият, бахусус солҳои 1992-2000 дар рушди кишоварзӣ динамикаи мусбӣ нишон дода натавонист. Аммо, маҳз шуруъ аз солҳои 2000 то ин ҷониб соҳаи кишоварзӣ марҳила ба марҳила рушд ёфта истодааст, ки истифодаи технологияҳои инноватсионӣ баҳри рушди соҳаи мазкур саҳми назаррас доранд.

Пеш аз ҳама барои рушд додани дилхоҳ соҳа дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бояд намудҳо ва усулҳои инноватсионӣ ба инобат гирифта шавад. Дар соҳаи агросаноатӣ бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранокии истеҳсолот дар соҳаи мазкур, бояд усулҳои инноватсиониро истифода барад. Дар шароити кунунӣ коплекси агросаноатии Тоҷикистон аз роҳу усули инноватсионӣ метавонад истифода бурд. Худи калимаи “инноватсия” (аз забони англисӣ "innovation"-навоварӣ, навгонӣ)-истифодаи навовариҳо дар шакли технологияҳои нав, намудҳои маҳсулот ва хидматҳо, шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва меҳнат, хидмат ва менеҷмент мебошад. [12].

Дар асоси муайян кардани мафҳуми инноватсия ("innovation"- навоварӣ, навгонӣ) хулоса баровардан мукин аст, ки барои самаранокии истеҳсолот, пеш аз ҳама инноватсия дар самти технологияи нав, истеҳсолоти маҳсулот ва хидматҳо аз он ҷумла самаранокии кадрӣ, вақтӣ ва идоравӣ ба инобат гирифта шавад. Инноватсия (навоварӣ) метавонад ба техника ва технология ва ҳам ба шаклҳои ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ марбут бошад. Ҳамаи онҳо бо ҳам зич алоқаманданд буда сифатии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мебошанд. Барои оқилона ба роҳ мондани самаранокии истеҳсолот бояд раванди инноватсионӣ ба инобат гирифта шавад, зеро он метавонад истифодаи оқилона захираҳоро таъмин намояд. Раванди инноватсионӣ маҷмӯи тартибот ва воситаҳоест, ки тавассути он кашфиёт ё идея, аз ҷумла ба навовариҳои технологӣ табдил мeёбад. Равандҳои инноватсионӣ бояд аз таҷрибаи маҳаллӣ ё ҷорӣ намудани навигариҳои инфиродӣ фарқ карда шаванд. Масалан, ҷорӣ намудани иқтидори зиёд дар истеҳсолот онро ҳанӯз инноватсионӣ намекунад. [10, с. 6.].

Ба вазифаҳои асосии инноватсия тағйирот дар ҷузъҳои раванди технологӣ дохил мешавад: иқтидорнокӣ, манбаҳо, захираҳо, ҳадафҳо, усулҳо, технологияҳо, системаи идоракунӣ ва ғайраҳо



**Расми 1. Омилҳои ба раванди самаранокии инноватсионӣ таъсиррасон**

Расми 1 дар боло тасвиршуда оид ба раванди инновасионӣ таълуқ дошта самаранокии фаъолияти корхонаҳоро нишон медиҳад. Аз расм хулоса баровардан мумкин аст, ки барои ба роҳ мондани самаранокии раванди инноватсионӣ, дар корхона, пеш аз ҳама потенсиали корхона, самти фаъолияти инноватсионии он, тадбиқи раванди инновасионӣ ва стратегияи маркетингӣ ба инобат гирифта шавад.

Барои хуб ба роҳ мондани раванди инноватсионӣ чизе муҳимеро фаромӯш кардан ғайриимкон аст, ки барои корхонаҳо хеле муҳим дониста мешавад. Ин, пеш аз ҳама, фаъолияти инновасионии корхона мебошад, зеро раванди инноватсионӣ ва фаъолияти инновасионӣ барои фаъолияти дурусти корхона муҳим аст. Фаъолияти инноватсионӣ - ин маҷмӯи чораҳоест, ки оид ба татбиқи ғояҳои илмӣ-техникӣ, ихтироот, таҳияҳо ва натиҷаи он барои истифода дар амал мувофиқ мебошад. [13, с. 186.].



**Расми 2. Шаклҳои инноватсия дар корхона.**

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2020 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД- кишвар 24,1 фисадтро ташкил медиҳад. Дар айни замон дар ин соҳаи муҳими иқтисодиёт, ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 176975 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 148 хоҷагиҳои давлатӣ, 76 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 3937 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 269 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 570 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 171975 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд. Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар соли 2019 - ум 27750,4 млн. сомониро ташкил намуд, аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 19279,7 млн. сомонӣ ва чорвопарварӣ 8470,7 млн. сомонӣ. Аз ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ки дар соли 2019 истеҳсол шудааст, ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 7,6 фоиз, деҳқонӣ 41,0 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 51,4 фоизро ташкил кард [1, с. 6.].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2012-2020»-ро қабул намуд, ки мақсади асосиb он бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо таъмини соҳаи кишоварзии сердаромад ва ноил гаштан ба амнияти озуқаворecho мамлакат, инчунин тақвият бахшидан ба содироти маҳсулоти кишоварзии кишвар мебошад. [3]

Дар асоси барномаҳои рушд дар соҳаи кишоварзӣ, алалхусус соҳаи КАС аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ҳамаҷониба андешида мешаванд. Бо мақсади танзим ва рушди соҳа ва мутобиқ кардани он ба шароити имрӯза 20 лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, 14-тои он тасдиқ ва боқимонда мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. [7,].

Мақсади ташаббуси мазкур дар он мебошад, ки бо воситаи тағйиру иловаҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ рушди соҳаи кишворзиро дар кишвар устувор намуда, барои таъмини амнияти озуқаворӣ ҷораҳо андешида шаванд.

Дар асоси барномаи саноаткунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои гуногун оид ба зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба кор бурда мешавад, ки яке аз ҳадафҳои барномаи мазкур ин рушд додани саноати хӯрокворӣ мебошад.

Амалишавии Барнома барои сиёсати Ҳукумати кишвар дар соҳаи саноат марҳилаи калидӣ мегардад, зеро ин сиёсат ба гузариши босуръати иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба самти инноватсионии рушд, баланд бардоштани суръати рушди соҳаҳои иқтисодиёт, сатҳи некуаҳволӣ ва коҳишёбии сатҳи бекорӣ равона карда шудааст. [2, с. 1].

Саноати хӯрокворӣ яке аз фаъолияти асосии корхонаҳои истеҳсолии агросаноатӣ ба шумор рафта, барои таъмини амнияти озуқаворӣ чораҳои назаррас бояд гузошта шавад. Аз ин лиҳоз, истифодаи самаранокии раванди инновасионӣ дар рафти истеҳсолот нақши муҳимро мебозад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар сохтори саноати хӯрокворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти коркарди меваю сабзавот, ғалла, гӯшт, шир, тамоку, истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, равғани растанӣ, қаннодӣ, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва спиртӣ зиёда аз 483 корхона фаъолият менамояд. [1,].

Тавре дар боло ишора рафт, мақсади рушд додани соҳаи кишварзӣ дар дилхоҳ мамлакат, ин таъмини амнияти озуқаворӣ буда, ба воситаи ҳаргуна усули инноватсионӣ ин ҳадаф амалӣ карда мешавад.

Шумораи аҳолии курраи замин сол аз сол тамоюл ба афзоиш дорад. Коршиносон бар он ақидаанд, қи барои бо озуқа таъмин кардани ҳар як сокини замин 0,3 га ва зиндагӣ карданаш 0,07-0,09 га замин зарур аст. [11, с. 32.].

Ин дар ҳолест, ки аҳолии сайёра аҳр сол зиёда аз 80 млн нафар афзоиш меёбад. Албатта, чунин вазъият барои мамолики камзамин бо тамоюлҳои баланди рушди аҳолӣ, махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар таъсирбахш мебошад, яъне бо усулҳои пештараи хоҷагидорӣ дигар ин аҳолиро бо маводи озуқаворӣ таъмин кардан ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, аксари мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда барои ҳалли мушкилоти номбурда роҳи интенсивии тараққиёти кишоварзиро пеш гирифтанд ва дар ин раванд ба натиҷаҳои назаррас низ муваффақ гардиданд.

Қобили зикр аст, ки мутахассисони соҳа роҳи интенсивии рушди истеҳсолоти агросаноатиро ба ду марҳила ҷудо намуданд:

а) марҳилаи мустаҳкамгардонии базаи моддию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ. б) марҳилаи гузариш ба роҳи инноватсионии рушди интенсивии истеҳсолоти аграрӣ. [5, с.30].

Фаъолияти инноватсионие, ки корхонаҳои истеҳсолӣ бояд ба инобат гиранд, пеш аз ҳама бояд иқтидорнокии худи корхонаро ба назар гирифта, ва баъд аз руи принсипҳои зарурие, ки ба истеҳсолоти инноватсионӣ рабт дорад, истифода бурда шавад. Корхонаҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама аз намудҳои фаъолияти инноватсионӣ, фазаҳо ва раванди истеҳсоли инноватсионӣ ва намудҳои гуногуни истеҳсоли инноватсионӣ истифода бурда муваффақ мешавад.

Дар соҳаи КАС, корхонаҳои истеҳсолӣ худ якчанд намуди инноватсия доранд, ки барои пешбурди фаъолияти корхона истифода бурда мешавад.

Дар асоси қисмҳои асосии инноватсия якчанд намуди инноватсияҳоро, ки ба корхонаҳо таълуқ доранд, муайян кардан мумкин аст.

Намудҳои инноватсия барои корхонаҳои истеҳсолӣ ва раванди истеҳсолот ҳамчун як омили самаранокии истеҳсолот, ки дар оянда устувории корхонаҳоро дар бозор ва рақобатпазирии онро кафолат дода метаваонад, истифода мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикрушда бар меояд, ки корхонаҳои агросаноатӣ бе истефодаи усулҳои инновасионӣ имкони рушд карданро надоранд ва барои рақобатпазири дар бозор аз он ҷумла таъмни аминияти озуқавориро бо таври назаррас нишон дода наметавонанд.

Шароити географии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи аграрӣ аз он ҷумла барои самаранокии истифодаи захираҳои обӣ ва замин бояд усулҳои инновасиони истифода бурда шавад, чун ки зиёда аз 90 фисади масоҳатӣ ҷумҳуриро тепапҳо ва кӯҳо ташкил медиҳад.

Барои тараққии қувваҳои истеҳсолоткунанда миқдорЬ воситаҳои истеҳсолот зиёд гардад ва шакли онҳо тағқир меёбад. Воситаҳои истеҳсолотии навъи бештар такмилёфта иваз мешавад. Замин бошад, маҳдуд аст, сатҳи онро зиёд кардан мумкин нест, инчунин онро бо ягон воситаи истеҳсолот зиёд кардан ҳам мумкин нест. [6, с.195].

Нақши замин хеле бузург ва гуногун аст. Дар саноат (ба истисноИ соҳаҳои истихроҷи ), он ҳамчун макон, пойгоҳи ҷойгиршавии корхонаҳо ва ғайра хидмат мекунад. [4, с.57].

Дар асоси гуфтаҳои олимону муҳаққиқон бар меояд, ки замин маҳуд буда?сатҳи онро зиёд кардан мумкин нест ва аз ин лиҳоз бояд усулҳои инновасионӣ барои оқилона истифодабарии захираҳои замин ва об ҳамаҷониба истифода бурда шавад. Айни замон дар ҷаҳон технологияи гуногуни вуҷуд дошта барои кишоварзон имкони медиҳад, ки новобаста аз ҷиҳати иқлим ва ё вазъи ҷуғрофӣ, замин ва об барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба пурраги истифода шавад.

Яке аз технологияи инновасионӣ барои самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об, барои бунёди боғҳо дар манотиқи кӯҳӣ ин технологияи “Зарфи Обӣ (Woter box)” мебошад, ки дар шароити иқлими хушк тобовар шумуридан мумкин аст.

Технологияи муосир “Зарфи Обӣ (Woter box)” дар асоси мушоҳидаҳои табиӣ ихтироъ шуда, ба монанди раванди табиӣ оид ба нигоҳ доштани намӣ дар замин аз бориши барфу борон сохта шуда, барои парвариши растаниҳо ва ниҳолҳо мувофиқ донистa мешавад. Истифодаи “Зарфи Обӣ (Woter box)” аз чиҳати экологӣ тоза буда, барои табиат ва худи растанӣ ё ниҳол зарар намерасонад баръакс аз омилҳои беруна парваришро нигоҳ медарорад. [8,].

Дар асоси технологияи нав таҷрибаҳои институтҳои ҷаҳонӣ гузаронидашуда нишон додааст, ки бо истифода аз чунин қуттиҳо, дарахтон ва буттаҳои шинонидашуда то 80-90% сабзиш мекунанд. Чунин қуттии махсус баъд аз як ё ду соли сабзиши дарахтон аз онҳо гирифта шуда, такроран барои парвариши дигар ниҳолҳо то 10-12 маротиба ва дар ҳолати истифодаи оқилона то 20 маротиба имконияти истифодашавиро доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз технологияи муосир дар чорчӯбаи лоиҳаи “Рушди ҷорводорӣ ва чарогоҳҳо” ба таври озмоишӣ ҳамчун қитаҳои намоишӣ мавриди истифода дода шудааст.

Бо мақсади ташкил намудани қитъаҳои намоишӣ дар самти барқарор намудани экосистемаи чарогоҳҳо тавассути шинонидани ниҳоли дарахтони мевадиҳанда бо истифодаи қуттии махсуси сарфакунандаи об (бо истилои дигар Waterbox, истеҳсоли давлати

Ҳолланд) ва ба ин восита фароҳам овардани имконият ҷиҳати дарёфти сарчашмаи иловагии даромади иқтисодӣ ба хонаводаҳо, ба 36 Ҷамъиятҳои Ҷарогоҳ истифодабарандагони (ҶҶ) ноҳияҳои зерҳадаф чунин қуттиҳо барои истифодабарӣ супорида шуд. [9,].

Бо роҳи инноватсия дар асоси истифодаи маҷмӯи усулҳои нав махсусан дар самти боғпарварӣ, ташкил ва васеъ намудани майдони боғҳои интенсивӣ инчунин истифодаи обчаконии қатрагӣ ба мақсад мувофиқ аст. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва обёрӣ намудани он афзалияти аввалия барои вилоят мебошад. Аз ҳисоби маблағҳои мутамарказ дар давоми солҳои 1992-2019 барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва обёрӣ намудани заминҳои вилоят ба маблағи 80 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ давалат барои рушди инноватсия да КАС самаранокии заминро афзун гардонидан иҷрои вазифаҳо оид ба минбаъд мукаммалгардонии хоҷагидории воқеӣ ва баланд бардоштани дараҷаи таъминоти техникии хоҷагӣ, беҳтар намудани таъмини нуриҳои минералӣ ва органикӣ барои заминҳои таъиноти кишоварзӣ дошта, истифодаи доруҳо барои мубориза бурдан бар зиддӣ ҳашаротҳои зараровар, ҷудо кардани маблағҳои зарӯрӣ аз ҳисоби захираҳои молиявӣ аз ҳолати ҷойдошта сарчашма гирифта, барои таъмини минтақаҳо қарорҳои судманд қабул мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Перзиденти Ҷумҳурии Тоқикистон/ https://www.stat.tj/tj/statistika-promyshlennosti
2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025/ 2020. – 65 с.
3. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоқикистон/ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон, аз 3 марти соли 2014 № 144 – 19 с.
4. Л.Е. Красильникова, Е.А. Светлая, В.Э. Серогодский, В.М. Троценко., Экономический анализ деятелӣности АПК: Учебное пособие. – Перм., 2019. – 261 с.
5. Наврузи Носирӣ. Диссертатсия барои дарёфти унвони илмии номщзади илмцои иқтисодь дар мавзуи /Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа /., 2019. – 134 с.
6. Носиров Р,. Самандаров И.Ҳ., Мирзоев Т.М., Шукуров И.Н., Анваров И.М., Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ: Китоби дарсӣ – Душанбе., 2018. – 480 с.
7. Барномаиислоҳоти кишоварзӣ / Сомонаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / https://moa.tj/tj/progress-in-implementing-the-reform;
8. Сомоноаи Groasis “Зарфи Обӣ (Woter box)”., [Манбаи электронӣ] / https://www.groasis.com/en/technology/compare-the-anti-desertification-and-reforestation-technology-of-groasis
9. Сомоноаи Rural., [Манбаи электронӣ ] / http://rural.tj/index.php/tj/itiloot/403-bar-arorkunii-ekosistemai-charogokhkho-tavassuti-istifodai-tekhnologiyai-muosir
10. Тазиев С.Ф. Инновационный менеджмент в образовании: Учебное пособие. – Елабуга., 2009. – 158 с.
11. Таджикистан доступ к ресурсам для человеческого развития /Национальный доклад о человеческом развитии 2014.- Душанбе.,2015.–132с.
12. Русский энциклопедический фонд/ http://www.russika.ru/ef.php?s=5220
13. Экономика отрасли АПК/ И.А.Минакова, Москва., 2004. – 466 с.


## АННОТАЦИЯ
## ИННОВАЦИЯ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ


В статье исследуется инновационный процесс, который важен для развития производственных предприятий и агропромышленного комплекса. Инновация – это новое производство и новые услуги, и автор статьи, прежде всего, трактует инновации как фактор эффективности производства.

В данной статье эффективность инновационного процесса и каждый из влияющих факторов, в форме модели, каждая из в отдельном, представлены на рисунке 1.

Автор, на основе анализа научной литературы, цитат из статистических источников отечественной и зарубежной экономики и конкретных примеров, указывает все аспекты использования инновационной деятельности для определения эффективности инновационной деятельности.

В конце статьи, автор опираясь на научную литературу в области АПК (рисунок 2) представлят информацию о структуре инноваций на предприятии, а также виды инновационной деятельности.



***Ключевые слова:*** *инновация, предприятие, агропромышленный комплекс, продовольственная безопасность, сельское хозяйство, эффективность, инновационный процесс.*


## ANNOTATION

## INNOVATION AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

The article examines the innovation process, which is important for the development of industrial enterprises and the agroindustrial complex. Innovation is new production and new services, and the author of the article, first of all, interprets innovation as a factor of production efficiency.

In this article, the effectiveness of the innovation process and each of the influencing factors, in the form of a model, each in a separate one, are presented in figure 1.

The author, based on the analysis of scientific literature, quotes from statistical sources of domestic and foreign economies and specific examples, indicates all aspects of the use of innovation to determine the effectiveness of innovation.

At the end of the article, author based on the scientific literature in the field of agro-industrial complex, (figure 2) provides information on the structure of innovation in the enterprise, as well as on a number of innovative activities.

***Keywords:*** *innovation, enterprise, agroindustrial complex, food security, agriculture, efficiency, innovation process.*

**Сведения об авторе:**

**Саидов Пайрав Мизробхонович** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, докторант PhD по специальности экономика, Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С. Сафарова, 16. Телефон: 939-80-44-80